"ТАСДИҚ ШУДААСТ"
сана: "10" декабри соли 2025
________________
Андрей Палка
Директори генералӣ

**Пешниҳоди оммавии №____/25**
**оид ба хизматрасонӣ бо кортҳои бонкии пардохтӣ**

Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди Ташкилоти амонатии қарзии хурд «ФИНКА», минбаъд "Ташкилот", дар шахси Директори генералӣ Андрей Палка, ки дар асоси Оинномa амал мекунад, аз як тараф ва "Муштарӣ", дорандаи корт, ки пешниҳоди мазкурро қабул менамояд, аз тарафи дигар ва дар якҷоягӣ "Тарафҳо" номбар мешаванд, бо шарту шароитҳои Пешниҳоди оммавии мазкур оид ба масъалаҳои зерин розӣ мебошанд ва қабул менамоянд:

**1.Мавзўъ**

1.1. Мавзўъи Пешниҳоди мазкур тартиби кушодан ва пешбурди суратҳисоби кортии бонкӣ ва шартҳои пешниҳоду истифодабарии корти бонкиро барои Муштарӣ дар бар мегирад, ки ба воситаи он амалиётхои пардохтию ҳисобӣ ва гирифтани пули накд сурат мегирад.

1.2. Ҳуқуқ ва ўҳдадориҳои Тарафҳо тибқи Пешниҳоди мазкур бо қонунгузории ҶТ, ҳуҷҷатҳои меъёрии Бонки миллии Тоҷикистон, Пешниҳоди мазкур, Қоидаҳои истифодабарии корт (минбаъд "Қоидаҳо", Замимаи № 3 ба Пешниҳод) ва Тарофаҳои Ташкилот (Замимаи № 4 ба Пешниҳод) муайян карда мешаванд.

1.3. Ташкилот дар муддати на зиёда аз 10 рўзи корӣ ба Муштарӣ корти бонкиро дар асоси аризаи Муштарӣ барои дарёфти корт (минбаъд "Ариза", Замимаи №1 ба Пешниҳод) пешниҳод менамояд.

1.4. Корти бонкӣ моликияти Ташкилот буда, барои истифодабарӣ ба Муштарӣ ба мухлати муайян дода мешавад ва танҳо шахсе ҳуқуқи истифодабарии онро доро мебошад, ки ному насабаш дар болои корт чоп шудааст ва ё ба номи шахси мазкур корти беном дар низоми ташкилот ба қайд гирифта шудааст. Ҳамзамон ба Муштарӣ дар якҷоягӣ бо корт PIN-лифофа супурда мешавад, ки дар он рамзи махфии Дорандаи корт дарҷ ёфтааст ва маълум намудани он ба шахсони дигар ва ҳатто ба кормандони Ташкилот қатъиян манъ мебошад.

**2. Ҳуқуқ ва ухдадориҳои тарафҳо**

**2.1. Муштарӣ вазифадор аст:**

2.1.1. Барои ба расмият даровардани корт ба Ташкилот тибқи намунаи муқарраршуда ва хуҷҷатҳои тасдиққунандаи маълумот (нусха) маълумоти зарурию эътимоднок ва Ариза пешниҳод намояд.

2.1.2. Амалиётҳоро бо истифодаи корт танҳо дар ҳудуди бақияи дастрасбуда дар суратҳисоби корти бонкӣ бо назардошти маблағи овердрафт ва қарзи дархостшуда ва ҳаҷми меъёри харҷи якрўза дар сурати муқаррар кардани он анҷом диҳад. Муштарӣ метавонад меъёри стандартии харҷи якрўзаро, ки вобаста ба навъ ва намуди корт муқаррар карда мешавад, бо дархости худаш тибқи Тарофаҳо тағйир диҳад.

2.1.3. Маблағи амалиётҳои анҷомдодаро бо истифодаи корт ба Ташкилот барқарор намояд ва пардохти ҳаққи химатрасонии Ташкилотро мутобиқи тарофаҳои амалкунандаи Ташкилот ва қоидаҳои низомҳои дахлдори пардохтӣ пардохт намояд.

2.1.4. Қоидаҳои истифодабарии кортро риоя намояд ва кортро барои амалиётҳое, ки мухолифи қонунгузории ҶТ ва Ташкилот мебошанд, истифода набарад.

2.1.5. Ҳамаи хуҷҷатҳоро дар намуди ҳисобҳо, расидҳо, чекҳо, ки баъд аз истифодабарии корт пешниҳод карда мешаванд, то ба охир расонидани ҳисоббаробаркунӣ нигоҳ дорад ва ҳангоми ба миён омадани масъалаҳои баҳсӣ, онҳоро ба Ташкилот пешниҳод намояд.

2.1.6. Дар сурати гум кардани корт фавран Ташкилотро тавассути телефони Маркази тамос ва ё e-mail огоҳ намояд ва дар давоми 2 рўз аризаи хаттии навбатӣ барои корти нав пешниҳод

намояд. Инчунин ба воситаи хизматрасониии СМС бонкинг, корти гумшударо дар реҷаи 24/7 бо фиристондани калимаи “deactive” ба рақами 5151 маҳдуд (block) намояд.

2.1.7. Барои гирифтани қарз тариқи корт ё кушодани овердрафт дархостро ба Ташкилот ба воситаи СМС паём ё сомонаи ташкилот (**www.finca.tj**), ба воситаи Маркази тамос (колл центр) +992 44 600 23 23 ва ё дигар воситаҳои рақамӣ пешниҳод намояд.

2.1.8. Маблаӣи овердрафт ва ё қарзро ҳангоми ба воситаи суратҳисоби корти бонкӣ гирифтан бо шарту шароитхои қарзӣ саривақт дар санаи муқарраршуда пардохт намояд.

2.1.9. Ташкилотро ба тариқи хаттӣ оид ба ҳама гуна тағйирот вобаста ба маълумоти дар Ариза дарҷёфта дар давоми 5 рӯзи корӣ аз лаҳзаи пешниҳоди чунин тағйирот огоҳ намояд.

2.1.10. Ташкилотро дар давоми 1 (як) рӯзи корӣ пас аз гирифтани иқтибос ё СМС-паём дар бораи саҳван ба ҳисобӣ ӯ гузаронидани воситаҳои пулӣ хабардор намояд ва баргардондани онҳоро ба Ташкилот дар мухлати на дертар аз 3 (се) рӯзи корӣ ба анҷом расонад.

2.1.11. Ташкилотро дар давоми 1 (як) рӯзи корӣ пас аз гирифтани иқтибос ё СМС-паём дар бораи аз ҳисоби ӯ нодуруст гирифтани маблағҳои пулӣ хабардор намуда, фаъолияти кортро маҳдуд (block) намояд.

2.1.12. Барои мубодилаи маблағи интиқол, қурби муқарраршудаи Ташкилот дар мавриди (дақиқаи) пардохти интиқоли маблағ дар асоси дархост истифода бурда мешавад. Пеш аз фиристодани дархост, мизоҷ ҳуқуқ ва имконият дорад, ки қурби мубодилаи асъорро дар сомонаи Ташкилот (**www.finca.tj**) дастрас намояд ё метавонад ба шуъбаи кортҳои бонкӣ, интиқоли маблағҳо, филиалҳои минтақавӣ ва МХМХ муроҷиат намуда, оиди қурби мубодилаи асъор маълумот гирад.

2.1.13. Муштари тасдиқ мекунад ва кафолат медиҳад, ки ӯ барқасдона:

a) ба ҳеҷ як ашхос ва ё ташкилоте, ки ба ягон гуна намуди фаъолияти террористӣ таалуқ дорад, ё ба ин гуна фаъолият ягон алоқамандӣ дорад, ҳеҷ як намуди дастгирӣ/захираҳоро пешниҳод накардааст ва намекунад;

b) бо ашхос ва ё ташкилотҳои зикршуда, ягон гуна алоқамандӣ надорад ва нахоҳад дошт;

c) ба ягон гуна намуди фаъолияти вобаста ба пинҳон ва ё рӯйпуш кардани сарчашмаҳои даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда ё қонунигардонии (расмикунонии) ин гуна даромадҳо ҷалб нашудааст ва нахоҳад шуд;

d) санадҳои байналмилалӣ, меъёрҳои қонунгузории ҶТ, талаботҳои ФИНКА дар бораи муқовимат ба қонунигардонии (расмикунонии) даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда ва маблағгузории терроризмро қатъиян риоя мекунад.

2.1.14. Корт ҳамчун усули шахсии пардохт ба ҳисоб меравад. Танҳо он шахсе, ки номи пурраш дар рӯйи корт чоп шудааст ва ё имзояш аз тарафи дигари корт гузошта шудааст, метавонад кортро истифода барад. Супоридани корт ва ПИН-рамзи он ба шахси дигар қатъиян манъ аст.

**2.2. Ташкилот вазифадор аст:**

2.2.1. Барои Муштарӣ мувофиқи аризаи ӯ бо асъори миллӣ – сомонӣ ё дигар асъори иҷозатдодашуда корти бонкӣ кушояд.

2.2.2 Кортро ба Муштарӣ дар муддати на зиёда аз 10 рӯзи корӣ баъд аз пешниҳоди ариза ва имзо шудани Шартномаи мазкур супорад ва фаъолкунии корт, воридшавии воситаҳои пулиро ба суратҳисоби он таъмин намояд.

2.2.3 Таъмин намудани хизматрасонии суратҳисоби кортӣ ва гузарондани амалиётҳи дархостшуда аз тарафи Муштарӣ мутобиқи қонунгузории амалкунанда дар сатҳи меъёрҳои низомҳои пардохтии дахлдор ва байналмилалӣ.

2.2.4 Муштариро бо тарофаҳо, қоидаҳо ва шабакаи истифодабарии корт шинос намояд, инчунин саривақт оид ба воридшавии ягон тағйирот, на дертар аз 30 рузи корӣ то лаҳзаи ворид кардани тағйиротҳо, Муштариро ба воситаи e-mail ва ё сомонаи ташкилот https://finca.tj хабардор намояд.

2.2.5 Бо дархости Муштарӣ ба ӯ саривақт иқтибоси суратҳисоби кортиро хаттӣ ва ё

электронӣ таъмин намояд. Дар сурати ворид нагардидани эътироз аз ҷониби Муштарӣ дар давоми 10 рӯзи тақвимӣ аз лаҳзаи гирифтани иқтибос, иқтибоси пешниҳодкардашуда, хамчун тасдиқгардида эътироф карда мешавад.

2.2.6 Кортро бо дархости Муштарӣ маҳдуд (block) намояд ва корти навро бо дархости навбатӣ дар муҳлати мукарраршуда мувофики банди 1.3-и Пешниҳоди мазкур ба Муштарӣ дастрас намояд.

2.2.7 Дар сурати бекоркунии пеш аз мӯҳлати Шартнома ё анҷомёбии мӯҳлати амали Шартнома ва корт, бақияи воситаҳои пулиро аз рӯи ҳисоби баъд аз анҷомдиҳии тамоми ҳисоббаробаркуниҳо ба вуҷуд омада, (бо гузашти 10 рӯзи тақвими аз лаҳзаи аз ҷониби Дорандаи корт ба Бонк пас супоридани он) ба Муштарӣ баргардонад. Баргардонидани воситаҳои пулӣ тариқи хазинаи Бонк ё худ бо роҳи интиқоли маблағ ба ҳисоби ишоранамудаи Муштарӣ сурат мегирад.

2.2.8 Махфӣ нигоҳ доштани сирри бонкиро аз рӯи амалиётҳои Дорандаи корт мувофиқи қонунгузории ҶТ таъмин намояд.

**2.3. Муштарӣ ҳуқуқ дорад:**

2.3.1. Дар сурати норозигӣ бо иқтибос ё худ пайдоиши масъалаҳои баҳсӣ оид ба амалиётҳои анҷомдодашуда, аз Ташкилот пешниҳоди ҳуҷҷати тасдиққунанда оид ба дурустии харҷи воситаҳои пулиро дархост намояд. Ҳамзамон пайдоиш ва баррасии вазъиятҳои баҳсӣ дар давоми 10 рӯзи тақвимӣ, агар амалиёт дар шабакаи Ташкилот ва 45 рӯзи тақвимӣ, агар амалиёт дар шабакаи берун аз Ташкилот аз лаҳзаи пешниходи ариза аз тарафи Муштарӣ ба Ташкилот, ба танзим дароварда мешавад.

2.3.2 Дар сурати норозӣ будан бо Тарофаҳои нави тасдиқгардидаи Ташкилот аз истифодабарии корт даст кашида, онро ба Ташкилот баргардонад.

2.3.3 Дар сурати гумшавӣ, вайроншавӣ ё худ осеби механикии корт ва ё фаромӯш кардани PIN-рамз, барои корти нав ариза пешниҳод намояд ва инчунин метавонад тариқи хазинаҳои Ташкилот то гирифтани корти фардикунонидашуда истифода намояд.

**2.4. Ташкилот ҳуқуқ дорад:**

2.4.1 Дар сурати иҷро накардани ӯҳдадориҳои пешбининамудаи Шартномаи мазкур ва Қоидаҳои истифодабарии корт, чунин чораҳоро бо хабардоркунии пешакии Муштарӣ ба роҳ монад:

- пурра маҳдуд (block) кардани корти бонкӣ барои гузаронидани амалиётҳо ба воситаи корт;
- бастани корт дар базаи иҷозатӣ (авторизация) ё худ рафъи рақами корт аз базаи маркази протсессингӣ (раддияи иҷозат);
- дарҷи рақами корт ба Варақаи манъи (stop list) низоми пардохтӣ;
- барқароркунии фармоиши доштани корт (Pick up) ва воридкунии корт ба файли манфӣ (negative file);
- раддияи ивазкунии корт ё худ барқароркунии он.

2.4.2 Аз суратҳисоби кортии Муштарӣ воситаҳои пулиро тибқи тартиби ғайриаксептӣ, ки мутобиқи банди 2.1. Пешниҳоди мазкур ва инчунин мавриди нокифоягии воситаҳо дар суратҳисоби кортӣ аз дигар ҳисобҳои Муштарӣ, ки дар Ташкилот кушода шудаанд, ба андозаи маблағи амалиётҳои зерин тарҳ намояд:

- Амалиётҳо бо истифодаи корт (кортҳо) анҷомёфта мутобиқи ҳуҷҷатҳо аз низоми пардохтии воридгардида;
- Комиссияи Ташкилот барои хизматрасонии корт дар асоси тарофаҳои амалкунанда;
- Овердрафт, карз, фоизҳо аз рӯи он ва ҷарима бинобар батаъхиргузории он мутобиқи иқтибоси суратҳисоби кортӣ;
- Маблағи саҳван ба суратҳисоби Муштарӣ гузаронидашуда.

Бо қабули Пешниҳоди мазкур Муштарӣ ин ҳуқукро тасдиқ ва ба Ташкилот пешниҳод мекунад.

2.4.3. Тарофаҳо ва Қоидаҳоро тағйир диҳад, бо шарти огоҳ намудани Муштарӣ на камтар аз 30 рӯзи тақвимӣ, тибқи талаботи банди дахлдори Шартнома, тавассути нашри маълумот дар сомонаи Ташкилот **www.finca.tj**.

## 3. Масъулияти Тарафҳо

3.1. Дар сурати вайрон кардани шартҳои Пешниҳоди мазкур Тарафҳо мутобиқи қонунгузории ҶТ ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд.

3.2 Вобаста ба амалиётҳое, ки бо истифодаи PIN-рамз анҷом дода мешаванд, Ташкилот ҷавобгар набуда, даъвоҳои Муштариро қонеъ карда наметавонад.

3.3 Бинобар раддияи корхонаҳои савдо/хизматрасонӣ ё худ нуктаи додани пули нақди (ПВН) дигар бонкҳо оид ба анҷомдиҳии амалиёт бо истифодаи корт Ташкилот ҷавобгар нест.

3.4 Ташкилот бинобар анҷом надодани амалиёт бо истифодаи корт дар сурати вайроншавии кори таҷҳизоти электронӣ-техникии маркази просессингӣ ва эквайер ҷавобгар нест.

3.5 Мавриди аз ҷониби Муштарӣ барнагардонидани овердрафт, қарз дар давоми мӯҳлати муайяншуда, Муштарӣ аз ҳисоби маблағи умумии қарзи барои ҳар як рӯзи батаъхиргузорӣ ба Ташкилот ҷарима (пеня) пардохт мекунад.

3.6 Тарафҳо барои пурра ва ё қисман иҷро накардани ӯҳдадориҳои худ тибқи Пешниҳоди мазкур аз ҷавобгарӣ озод карда мешаванд, агар исбот намоянд, ки чунин амал дар натиҷаи фарорасии ҳолатҳои рафънопазир, яъне фавқулодда пас аз бастани Пешниҳоди мазкур ба вуқӯъ пайвастааст. Мавриди амал қарор гирифтани ҳолатҳои рафънопазирро Тарафҳо бояд бо ҳуҷҷатҳои расмии мақомоти босалоҳият тасдиқ намоянд. Тарафҳо ӯҳдадор мешаванд, ки дар бораи фарорасии ҳолатҳои рафънопазир ҳамдигарро фавран хабрдор намоянд.

3.7 Дар ҳолати муфлисшавии ташкилоти қарзии молиявӣ, андозаи ҷубронпулӣ аз рӯи пасандозҳо аз ҷониби Хазинаи суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ мутобиқи тартиби муқаррарнамудаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ” ба роҳ монда мешавад.

## 4. Шартҳои хотимавӣ

4.1. Пешниҳоди мазкур аз лаҳзаи ба имзо расонидани Шартнома оид ба пешниҳоди кортҳои бонкии пардохтӣ аз ҷониби Тарафҳо эътибор пайдо карда, то рӯзи охирини моҳи дар корти охирон дарҷёфта мавриди амал қарор мегирад. Агар як моҳ пешакӣ то анҷоми мӯҳлати дарҷёфта ҳеҷ яке аз Тарафҳо дар бораи қатъи амали Шартномаи мазкур дар шакли хаттӣ огоҳ насозанд, амали он боз ба мӯҳлати як сол бо шартҳои пешина ва аз нав таҳия кардани корт тамдид меёбад.

4.2 Тағйиру иловаҳо ба Пешниҳоди мазкур бо мувофиқаи Тарафҳо дар шакли электронӣ анҷом дода шуда, қисми ҷудонашавандаи он эътироф мешаванд.

4.3 Баҳсҳои дар ҷараёни иҷрои Пешниҳоди мазкур бавуҷудомада мутобиқи қонунгузории ҶТ баррасӣ карда мешаванд.

4.4 Дар сурати иҷро накардани шартҳои Пешниҳоди мазкур аз ҷониби Муштарӣ, бо роҳи огоҳонии хаттии Муштарӣ, Шартнома оид ба пешниҳоди кортҳои бонкии пардохтӣ аз ҷониби Ташкилот метавонад яктарафа қатъ карда шавад.

4.5 Хамаи замимахо ба Пешниҳоди мазкур қисми ҷудонашавандаи он мебошанд.

4.6 Замимаҳо:

- Замимаи 1 – Ариза барои гирифтани корти бонкӣ
- Замимаи 2 – Шартнома оид ба пешниҳоди кортҳои бонкии пардохтӣ
- Замимаи 3 – Қоидаҳои истифодабарии Корт (дар сомонаи Ташкилот **www.finca.tj** дастрас мебошанд)
- Замимаи 4 – Тарофаҳо оид ба интишор ва хизматрасонии кортҳои пардохтӣ ва андозаи стандартии меъёрҳои шабонарӯзии кортҳо. (дар сомонаи Ташкилот **www.finca.tj** дастрас мебошанд).

4.7 ҶДММ ТАҚХ «ФИНКА» мизоҷони худро қадрдонӣ менамояд ва барои муносибати софдилона, поквиҷдонона ва масъулиятнок саъй мекунад. Мизоҷон ҳуқуқ доранд ва мо аз онҳо хоҳиш дорем, ки вобаста ба ҳама гуна шикоятҳо ва пешниҳодҳо аз воситаҳои зерин истифода баранд: 1) Сабти шикоятҳо дар «Дафтари пешниҳодҳо ва шикоятҳои мизоҷон», ки дар хазина ҷойгир аст; 2) Ирсоли мактуби шикоятӣ ба почтаи электронии: Hotline@finca.tj ё 3) занг задан ба «Телефони боварӣ» (+992) 44 600 23 23.